**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Аз рӯйи маълумоти автореферати диссертатсияи Турсунова М. А. маълум мешавад, ки диссертатсияи номзадии мазкур ба таҳқиқи вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории топонимҳои воҳаи Сурхон, баромади этимологӣ ва дараҷаи истифодаи анҷомаҳо дар онҳо равона гардида, дар доираи ин рисолаи илмӣ вижагиҳои унсурҳои луғавию семантикӣ ва дараҷаи истифодаи топонимҳои воҳаи Сурхон дар асоси маводи таърихӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Яке аз вижагиҳои асосии таҳқиқи рисолаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф бори нахуст дар забоншиносии тоҷикӣ доир ба ҷиҳатҳои забони топонимҳои воҳаи Сурхон аз дидгоҳи истифодаи қабатҳои луғавӣ, анҷомаҳои топонимсоз, шаклгирии онҳо изҳори назар карда, дар диссертатсия категорияҳои лексикии соҳаи ономастика, чун: топонимҳо, ойконимҳо, оронимҳо, гидронимҳо, комонимҳо, полионимҳо ва этнотопониму антротопоним, зоотопониму фитотопонимҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, вижагиҳои алоҳидаи ин унсурҳои луғавиро муайян кардааст.

Сохтори рисолаи мазкурро ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима фаро мегиранд.

Дар муқаддима аҳамият, муҳиммияту навгонии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, манбаъ, асосҳои назарию амалии таҳқик, усулу равиши таҳқиқ баён шудааст.

Дар боби якуми рисола ҳудуди ҷуғрофӣ ва таърихии воҳаи Сурхон дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабиву бадеӣ шарҳу тафсир меёбад. Унвоҷӯ дар ин боб тафсири лингвоҷуғрофӣ ва таърихии топонимҳои Чағонрӯдро мавриди баррасӣ қарор додааст. Баррасию таҳлил дар асоси осори ҷуғроғифию таърихӣ сурат гирифта, андешаҳои ҷолиби диққати муҳаққиқон доир ба мавзеъҳои таърихӣ дар нигоштаи унвонҷӯ фаровон оварда шудаанд.

Дар боби дувуми рисола бошад топониму микротопонимҳои Чағонрӯди таърихӣ аз нигоҳи вижагиҳои сохторӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Ин боб дар навбати худ аз ду фасл ва чор зерфасл таркиб ёфтааст. Аз рӯйи таҳқики муаллиф маълум мегардад, ки топонимҳои воҳаи Сурхонро аз нигоҳи сохтор топонимҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора топонимҳо ташкил дода, аксари онҳо таърихи қадима ва мансуби забонҳои эронианд.

Дар боби сеюми рисола бошад асосан топонимҳо аз нигоҳи вижагиҳои луғавӣ ва семантикӣ шарҳу тафсир ва таҳқиқу баррасӣ мегарданд. Ин боб низ дар навбати худ ду фаслу даҳ зерфаслро фаро гирифта, дар ҳар фаслу зерфасл як паҳлӯи масъалаи ба мавзӯъ марбут аз ҷониби унвонҷӯ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар бахши хулоса натиҷаи баррасиву таҳқиқ ва хулосаҳои мушаххаси рисоланавис зимни чанд нукта оварда мешавад.

Замимаи рисола фарогири «Луғати мухтасари топонимҳо» буда, дар ин луғат топониму микротопонимҳо аз нигоҳи маъно ва сохт мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки тавассути таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои луғавии топонимҳои воҳаи Сурхон роҷеъ ба баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, ба хусус роҷеъ ба қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ, ки топонимҳо дар он нақш доранд, ибрози андеша намудан мумкин аст ва хулосаҳои илмии ба даст омадаро метавон дар таълифи китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосири ин сарзамин, инчунин дар таҳияи фарҳангу луғатномаҳои топонимӣ метавон истифода кард.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки маводи рисолаи мазкурро дар дарсҳои лексионӣ, дар курсу семинарҳои махсус аз таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ (ономастика), шевашиносӣ, таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар факултетҳои филология, забонҳои Аврупо ва Осиё, таърих, ҳуқуқ ва дигар риштаҳои илмҳои башардӯстӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва ҳамчунин вожаҳои махсуси ономастикиро дар фарҳангномаҳо чун мавод истифода намудан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд.

Дар бахши хулоса (с.141-144) бардоштҳои муҳаққиқ аз таҳлилу муқоисаи анҷомдода дар 14 банд зикр гардидааст.

Таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ М.А. Турсунова мустақилона буда, дар он баёни пайдарҳамии афкор, мавҷуд будани робитаи фикр дар баёни андеша баръало эҳсос мешаванд, ки ин далолат аз пухтакориву омодагии муҳаққиқ нисбат ба мавзуи таҳқиқро нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро мегирад.

Ногуфта намонад, ки аз рӯйи фишурдаи диссертатсия, ба назари мо, дар радифи комёбиҳо боз нуктаҳои баҳснок, бархе иштибоҳот низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар оянда рафъи онҳо боиси болоравии ҳусни пажуҳиш хоҳад гардид.

1. Ҳангоми таҳлили топонимҳои минттақа маводди баъзе фарҳангҳои топонимии дар Ӯзбекистон ба табъррасида сарфи назар шуддааст. Хуб мешуд, ки ин фарҳангҳо низ истифода мегарддид.
2. Ба назари мо, доир ба мавзуи баррасишуда дар таълифоти муҳаққиқони узбекистонӣ низ баъзе муулоҳизаҳо дида мешаванд, ки минбаъд онҳоро низ ба инобат гирифтан ба фоидаи кор хоҳад буд.
3. Дар фишурда такрори фикр мушоҳида мешавад (ниг. с. 12, 19).
4. Дар фишурда ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг. с. 4, 6, 17).

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, зуд ислоҳшавандаанд ва ба сифати диссертатсия таъсир намерасонанд.

Ҳамин тавр, фишурдаи диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон», ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи онро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ донистан мумкин аст.

Номзади илмҳои филологӣ, PhD
саромӯзгори кафедраи филологияи
тоҷики ва забонҳои шарк — Д.Муқумова

Номзади илмҳои филологӣ, PhD
саромӯзгори кафедраи филологияи
тоҷики ва забонҳои шарк — Қурбоналиева М. С.

Имзои Муқумова Дилафруз Зиёдуллаевна ва Қурбоналиева Махфират Саъдуллаевнаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Тирмиз — Ҷӯраева Барно

**Суроға:** 190111, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
в. Сурхандарё, ш.Тирмиз, к. Баркамол Авлод
E. Mail: termizdu@umail.uz

**E-mail: Lion5397@ gmail.com Тел:+998902451825**
maxfiratqurbonaliyeva@ gmail.com Тел: + 998905200541

15.05.2023